**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои диссерататсионии 6D.КОА-002 назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Парвандаи аттестатсионии №__**

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 10 апрели соли 2020 №__ дар бораи ба Абдуллозода Фарҳод Нусратулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 12 декабри соли 2019 № 9 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «734025, ш. Душанбе, хиёбони 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.06.2019», №133) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Абдуллозода Фарҳод Нусратулло соли таваллудаш 1986, соли 2007 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аъло хатм намудааст. Аз соли 2014 унвонҷуи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад (фармоиш дар барои қабул аз 31.01.2014 с., № 71-05).

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Мавзӯи диссертатсия - «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мавзӯи диссертатсия –

«Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (суратмаҷлиси № 07 аз 01.03.2019).

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, Холиқзода Абдураҳим Ғафор.

**Мушовири илмӣ** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқишиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Искандаров Зайниддин Ҳамидович.

**Муқарризони расмӣ**:

**Буризода Эмомалӣ Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафи, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Кенҷаев Шӯҳратҷон Юсуфович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедра Элназаров Д.Х. ва аз ҷониби ректори Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон доктори илмҳои филологӣ, профессор Н.Н. Салихов тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-

ҳуқуқӣ)» аз рӯи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯи мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Абдуллозода Фарҳод Нусратулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбари тақриздиҳанда ба он асоснок мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни масоилҳои таърихи давлат ва ҳуқуқ алоқамандии зич дорад.

Унвонҷӯ муаллифи 6 мақолаи илмӣ буда, аз **онҳо 5 мақола** дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:

Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1. Абдуллоев, Ф.Н. К вопросу о понятии судебной власти / Ф.Н. Абдуллоев // Вестник РТСУ (научный журнал). – Душанбе, 2014. - №4(47). – С. 82-84;

2. Абдуллоев, Ф.Н. Некоторые вопросы формирования состава Верховного Суда Руспублики Таджикистан, Верховного Суда Российской Федерации и их кадрового обеспечения / Ф.Н. Абдуллоев //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ.- Душанбе-Сино, 2015. - №3/1 (158). – С. 77-80;

3. Абдуллоев, Ф.Н. О некоторых аспектах становления высшего органа судебной власти в Таджикистане в 1917-1924 годы / Ф.Н. Абдуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ.- Душанбе-Сино, 2015. - №3/2 (162). – С. 44-48;

4. Абдуллоев, Ф.Н. Понятие конститутсионо-правовых основ предназначение, функции и формирование Верховного Суда Республики Таджикистан / Ф.Н. Абдуллоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, 2015.- №1 (62-1). С. 100-105;

5. Абдуллоев, Ф.Н. Ташаккулёбӣ ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Россия дар шароити давлатҳои соҳибихтиёр / Ф.Н. Абдуллоев // Нарияи донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №3 (43). С.30-44;

6. Абдуллоев, Ф.Н. Муқаррароти Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ / Ф.Н. Абдуллоев // Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2014.-№3. – С. 145-150.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризхо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.** Аз ҷониби ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д., сардори Раёсати нозиротӣ- ташкилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Солиев К.Ҳ., декани факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сафарбекзода Ҳ.С., муовини Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндаги Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.М. Раҷабзода, муовини якуми диреткори Маркази мили қонунгузории назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Баҳриддинзода С.Э.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба ташаккули Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия ва паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи мазкурро фаро мегирад, аз ҷумла низоми судии дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ то инқилобамалкунанда дар муқоиса бо низоми судии Россия амалкунанда махсусиятҳои худро доштанд, аммо мавҷудияти умумиятҳо дар низоми судии ин ду давлат масъалаи мубоҳисавӣ буда аз ҷониби муҳаққиқ кушода нашудааст, муҳаққиқ таъсири санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқро ба шаклҳои судҳои то инқилоб аз қабили судҳои қабилавӣ ва анъанавӣ пешниҳод намудааст, аммо мавҷудияти ин судҳоро дар кадом минтақаҳо накушодааст, хуб мешуд, ки доираи усули истифодашудаи ҳуқуқшиносии муқоисавӣ васеътар карда шуда, назария ва таҷрибаи ташаккул ва рушди судҳои олии собиқ ҷумҳуриҳои Шуравӣ каме бошад, ҳам таҳқиқ карда мешуданд, зербоби дуюми боби дуюм дар шакли «Принсипҳои ташкил ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия» мувофиқ ба мазмуни масъалаи баррасишаванда мешуд, дар рисола унвонҷу асосан дар бораи низоми судии Россияи қабл аз инқилобӣ сухан намудааст, хуб мешуд, ки дар бораи низоми судии Тоҷикистони қабл аз инқилобӣ ба таври дақиқ андешаи худро иброз менамуд, рисоланавис қайд менамояд, ки Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии судӣ мебошад, аммо доир ба вазъи Суди Олии иқтисодӣ ҳамчун мақоми олӣ сухан намеравад, ин фикри худро диссертант бояд асоснок намояд, муаллиф масъалаи хусусияти тавзеҳотӣ доштани қарори Пленуми Суди Олиро баррасӣ намудааст ва қайд менамояд, ки он ҳатмӣ мебошад, ин ақидаро диссертант дар ҷараёни ҳимоя бояд пурратар маънидод намояд.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ масъалаҳои:

- таъсис ва марҳилаҳои асосии рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия;

- ташкил ва фаъолияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Федеративии Россия дар ҳайати давлати шӯравӣ;

- ташаккулёбӣ ва фаъолияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар шароити давлатҳои соҳибихтиёр;

- асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, таъинот, функсия ва ташаккули Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, мақому нақши онҳо дар низоми судӣ;

- принсипҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия;

- айният ва фарқияти салоҳияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва масоилҳои такмили салоҳияти онҳо;

- ҳокимияти судӣ дар низоми тақсимоти ҳокимиятҳо ва принсипҳои ташкили он;

- сохтори Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккул ва салоҳияти онҳо;

- ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия: вазъият ва дурнамои рушди онҳо ҳамаҷониба таҳлил ва асоснок собит шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки:**

- натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷӯ аз лиҳози назариявӣ ба муайяннамоии заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи Судҳои Олии Тоҷикистон ва Россия, аз қабили марҳилаҳои рушди онҳо, инкишофи Судҳои Олии Тоҷикистон ва Россия дар даврони шӯравӣ ва соҳибистиқлолӣ равона гашта раванди шаклгирии ҳокимияти судиро дар Тоҷикистон комил мегардонад;

- мақом ва нақши Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия дар низоми ҳокимияти судӣ, асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, ва таъиноти онҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

- таҳқиқи пурраи ташкил ва фаъолияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия принсипҳои ташкилу фаъолияти онҳоро муаллиф мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст ва дар натиҷа номугӯи ин принсипҳоро муайян кардааст;

- салоҳияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия, хусусан айният, фарқият ва такмили онҳо баррасӣ шуда, моҳияти масъалаи мазкур равшан гардидааст;

- мақом ва аҳамияти ҳокимияти судӣ дар низоми ҳокимияти давлатии кишварҳо таҳлил гардида, принсипҳои ташкили он муайян шудааст;

- таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккули сохтори Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия гузаронида шуда, мазмуни ин масъала ошкор гардида шудааст;

- дурнамои рушд ва инкишофи ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия, махсусан такмили фаъолияти, салоҳият ва сохтори Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсия Россия муайян гардидааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- пешниҳодҳо ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифро метавон дар таҳияи барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва дар амалияи судӣ, такмил ва мукаммалгардонии қонунгузории соҳавии танзимкунандаи ташаккулёбӣ ва фаъолияти судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ҳамчунин коркарди консепсияҳои такмилсозии фаъолияти Суди Олии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода намуд;

- маводи рисоларо ҳамчунин мумкин аст, ки дар раванди таълим, яъне ҳангоми омӯзиши фанни таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таърихи ҳуқуқи инсон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи граждани, курсҳои махсуси таърихи ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон, стандартҳои байналмилалии муҳокимаи одилонаи судӣ, механизми судии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ғ. мавриди истифода намуд.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ доираи васеи адабиётҳои ватанию хориҷӣ, хусусан осори илмии Федератсияи Россия дар самти ташаккул ва инкишоф, асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои ташкил ва фаъолият, сохтор ва салоҳияти Судҳои Олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мавриди истифода қарор дода шудаанд;

- дар рисолаи мазкур санадҳои меъёрии ҳуқукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқукии хориҷӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм қабулшуда навгонии илмӣ доранд;

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудааст, ба муайяннамоии заминаҳои таърихии рушди Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ҳамчунин дурнамои рушди онҳо мусоидат менамояд;

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи бевосита масъалаи ташаккули Судҳои Олӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, пешниҳоди нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳо ва дигар дастовардҳо ифода меёбад, ки онҳо аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии унвонҷӯ дар тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, дар чопи мақолаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия ифода меёбад.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 10 апрели соли 2020 қарор қабул карда шуд, ки ба Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 7 нафарашон докторони илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатисонии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**